# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгорииТоҷикистон ба номи С.Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11.03.2024, №19

Барои сазовор донистани Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

Диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ рӯзи 19-уми декабри соли 2023, суратмаҷлиси №47 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121), ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30. 12. 2022, таҳти №306/шд тасдиқ гардидааст, барои ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 02.09.1989 дар н. И.Сомонии шаҳри Душанбе дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 2012 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси “Муаллими забон ва адабиёти тоҷик” хатм намуда, минбаъд ба сифати мудири кабинети кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият кардааст. Солҳои 2018 то 2021 унвонҷӯйи кафедраи мазкур буд. Ҳоло ассистенти ҳамин кафедра мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филологӣ, узви вобастаи АМИТ, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Шафоатов Азал Нусратович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов.

**- Амлоев Аминҷон Ятимович –** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияи Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, номзади илмҳои филологӣ, дотсент мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи мазкур, дотсент Дӯстзода Ҳамроҳ Ҷумъа, эксперт - номзади илми филологӣ,

дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳ Мирзоёров Фирдавс Ниёзович, котиби илмии ҷаласа - ассистенти кафедраи мазкур Холова Моҳира Бӯриевна ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, узви вобастаи АМИТ, профессор Насриддинзода Э. С. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна зери унвони «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии **«Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ»** таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки 5 мақола он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар маҷаллаву маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расидаанд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М]**. Зоитова М.М. Таҳқиқи вожаҳои марбут ба наботот дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони тоҷик»-и Садридддин Айнӣ // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. − № 3 С. 133− 141.

**[2-М]**. Зоитова М. М. Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони тоҷик»-и Садридддин Айнӣ [Матн] / М. М. Зоитова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. − № 1 (84). – С. 25− 29.

**[3-М]**. Зоитова М. М. Накши морфемаи -ӣ дар калимасозӣ (дар асоси маводи «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ) [Матн] / М. М. Зоитова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. - № 1 (90). С. – 77−82.

**[4-М]**. Зоитова М. М. Сохтори морфологии калимаҳои мураккаб дар

«Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / М. М. Зоитова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. - № 2 (91). –С. 70-75.

**[5-М]**. Зоитова М. М. Воҳидҳои луғавии марбут ба асбоби рӯзгор дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ [Матн] / М. М. Зоитова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. - № 5(106). –С. 97-102.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[6-М]**. Зоитова М. М. Баррасии як қабати луғавӣ дар дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони тоҷик»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / М. М. Зоитова // Маҷмуаи мақолаҳои маводи конференсияи байналмилалии «Устод Садриддин Айнӣ поягузори адабиёти реалистии халқҳои Осиёи Марказӣ». -Душанбе 16-17 апрели соли 2018. –С. 322-327.

**[7-М]**. Зоитова М. М. Таҳқиқи истилоҳоти илмӣ дар «Луғати нимтафсилӣ»-и Садридддин Айнӣ [Матн] / М. М. Зоитова //Забон рукни тоат. №12 (маҷаллаи илмӣ) / Маҷмуаи мақолоти маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Шевашиносии тоҷик: масоил ва рушди он»). – Душанбе. – 2020. – С. 173-179.

**[8-М]**. Раҳматуллозода С. Р., Зоитова М. М. Диалектизмҳои марбут ба ҳайвонот ва паррандагон дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони тоҷик»-и Садридддин Айнӣ [Матн] / С. Р. Раҳматуллозода, М. М. Зоитова // Вопросы гуманитарных наук. Национальная академия наук Таджикистана. Институт гуманитарных наук имени Академика Баходура Искандара. – 2020. - № 1. – С. 9-16.

**[9-М]**. Зоитова М. М. Қолибҳои шакли мукассари калимаҳои арабӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садридддин Айнӣ [Матн] / М. М. Зоитова // Истиқлоли давлатӣ ва рушди забони модарӣ (Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ ва рушди забони модарӣ»), ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 21-уми феврали соли 2022, саҳ. 91-98.

**[10-М]**. Раҳматуллозода С., Зоитова М. М. Мазмуну моҳият ва хусусиятҳои диалектизмҳо [Матн] / М. М. Зоитова // Паёми Китобхонаи миллӣ. –Душанбе, 2023, -№3 (3). –С.37-46.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б.Искандарови АМИТ Офаридаев Назрӣ мусбат буда, дар он чунин эродҳо зикр шудааст:

- дар унвони диссертатсия ба ҷойи “*ҳайати лексикӣ*” бояд “таркиби лексикӣ” ба кор бурда мешуд, зеро *таркиби луғавӣ* ё *таркиби лексикӣ* ҳамчун *истилоҳи* вожашиносӣ дар забони тоҷикӣ қабул шудааст. Калимаи “ҳайат” бештар ба шахс далолат мекунад;

- андешаҳои шарқшиноси маъруф Е. Э. Бертелс дар мактуб ба С. Айнӣ дар бораи арзиши илмии “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии

тоҷик" яке аз нахустин мулоҳизаҳои илмӣ оид ба ин луғатнома буд. Вале дар фишурда оид ба ин мактуб (тақриз) ишорае пайдо нашуд;

- дар фасли дараҷаи омӯзиши мавзуъ на ҳамаи асару мақолаҳои ба таҳлили афкори забоншиносии устод С. Айнӣ бахшидашуда оварда шудаанд (мақолаҳои Б. Камолиддинов, Н. Офаридаев ва ғ.);

- дар нухаи русии автореферат баъзе ноҳамвориҳои услубӣ, ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд (ниг.: с.29).

2. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии МТД-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Олимҷонов Мусо Обидович мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- дар дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз рисолаҳои диссертатсионии М.Аҳмадов ва М. Тиллохоҷаева, ки бевосита ба фарҳанги устод Айнӣ ихтисос доранд, ёд нашудааст;

- чун вожаҳои гуфтугӯйии халқӣ баррасӣ шудаанд, таҳқиқи калимаҳои адабии китобии луғатномаи устод Айнӣ панҷоҳ дарсади фарҳангро ташкил мекунанд, муҳим менамояд;

- дар автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ низ дучор мешавад (с.5, 11, 12, 14, 15).

3. **Тақризи** ба автореферати диссертатсия навиштаи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" Юсупов Абдулло Исмоилович мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

- хуб мешуд, муаллифи диссертатсия омори калимаҳоро аз рӯйи сохторашон (сода, сохта, мураккаб) мушаххас дар шакли диаграмма нишон медод.

- агар овонавишти калимаҳои иқтибосии таҳлилшуда айнан оварда мешуданд, ба манфиати кор буд.

- муҳаққиқ дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз асари мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳои овардашуда нокифоя ба назар мерасанд.

4. **Тақризи** ба автореферат навиштаи номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДБ ба номи Носири Хусрав Назаров Меҳрубон Ниёзмадович мусбат буда, дар он чунин эродҳо ҷой доранд:

- дар фасли сеюми боби якум вожаҳои марбут ба ҳайвонот ва парандагон ба ду гурӯҳ: умумихалқӣ ва хоси шева ҷудо карда шуда, доир ба ҳайвоноти хонагии хоси лаҳҷа ҳамагӣ ду мисол – "шутургов" ва "чамбаршох" оварда шудаасту холос. Гузашта аз ин муайян карда мешуд, ки вожаҳои мазкур хоси кадом шеваи забони тоҷикианд (с.10).

- хуб мебуд, ки дар номи фасли чоруми боби дуюми диссертатсия ибораи "ва забонҳои хеш" илова мешуд (с.12).

- дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад (с.6, 16, 19).

Муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ дар баробари нишон додани баъзе эроду камбудиҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) мубрам

будани мавзуи таҳқиқотиро дарҷ карда, аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии корро зикр карда, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид намуда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ чунин масъалаҳоро муқаррар намудааст:**

1. Гирдоварӣ ва табақабандии калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ ва иқтибосии дар «Луғатнома» тафсиршуда ва калимаҳои сохтаю мураккаби асар.

2. Баррасии масоили назариявӣ, моҳият ва мазмуни калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар забон ва нишон додани ҷойгоҳи онҳо дар «Луғатнома»-и устод С. Айнӣ ва дар ин замина:

- таҳқиқи калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйии «Луғатнома» аз рӯйи мансубияти соҳавии онҳо;
- нишон додани хусусиятҳои луғавию семантикии калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйии «Луғатнома».

3. Таҳқиқи масоили назариявӣ дар забон ва баррасии калимаҳои иқтибосии дар «Луғатнома» тафсиршуда ва дар ин замина:

- нишон додани ҷойгоҳи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар асар;
- муайян сохтани ҷойгоҳи калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ дар асар;
- баррасии вомвожаҳои дигар забонҳо дар «Луғатнома».

4. Баррасии илмии калимаҳои сохтаю мураккаб дар «Луғатнома» ва дар ин замина:

- таҳқиқи вандҳои калимасоз дар асар;
- муайян сохтани ҷойгоҳи калимаҳои мураккаби пайвасту тобеъ дар асар.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Таҳқиқи забонии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ аҳаммияти калони назариявӣ дорад. Луғатномаи мазкур дар замони мавҷудияти худ то ба имрӯз барои мустаҳкам будани пояҳои луғавии забони тоҷикӣ хизмат карда истодааст. Муайян кардани мақому манзалати ин асар аз нигоҳи забоншиносӣ ва дар заминаи маводи муътамади он муайян сохтани хусусиятҳои луғавию семантикии калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, иқтибосот ва масоили калимасозии вожаҳои тафсиршуда аҳаммияти назариявии хосса дорад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки натиҷаҳои бадастомадаро метавон дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо, коллеҷу литсейҳо ба ҳайси маводи таълимии фанҳои забон истифода намуд. Ҳамчунин, фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи диссертатсия баргузории дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои лексикология, лексикография, лаҳҷашиносӣ, морфология, таърихи забони адабии тоҷик ва ғайра муфид арзёбӣ мешаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дастовардҳои мактабу равияҳои илмӣ ва масоили

назариявии забоншиносони ватанию хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби равишҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ,** пеш аз ҳама, аз он иборат мебошад, ки яке аз муҳимтарин асарҳои устод С. Айнӣ «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» ки барои тоҷикон дар муддати наздики сад сол хизмат карда истодааст, ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Бешубҳа, чунин таҳқиқот дар шакли кори диссертатсионӣ бори аввал сурат мегирад ва дар он масоили лингвистии марбут ба хусусиёти луғавию маъноӣ ва калимасозии асари мазкур матраҳ гардидааст, саҳми муҳим дар забоншиносӣ арзёбӣ мегардад.

Навиштани мақолаҳо дар доираи мавзуъ ва суханрониҳо дар ҳамоишу конференсияҳо фаъолияти амалии рисоланавис оид ба кори диссертатсионӣ мебошад. Таҳқиқи мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 11 марти соли 2024 дар бораи ба Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри 2022, № 306/шд ба ҳайати Шуро ворид шудаанд, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ 12 нафар иштирок намуданд. Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С. С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Каримова Д. Н.

11.03.2024